

4-5 сола

Хуморикова Кобулмоҳ

# СЕ себак

USAID
АЗ МАРДУМИ АМРИКО

Вазорати маорифи
Ҷумҳурии Тоҷикистон

ХАЗИНАИ ОҒОХОН

Китобхона
Ҷумҳур
2101



Хуморикова Кобулмоҳ

# Се себак



Китобчаи мазкур бо кӯмаки мардуми Амрико нашр шудааст, ки он аз тариқи Агентии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID) расонида мешавад. Мазмун ва мундариҷаи ин китоб маҳсули муаллиф буда, метавонад бо нуқтаи назари USAID ва Ҳукумати ИМА мувофиқат накунад.

**Хуморикова Кобулмоҳ**

# СЕ СЕБАК

**(барои кӯдакони синни 5-6-сола)**

ш. Душанбе ТЧБ «Истиқбол», 2013, хиёбони Саъдии Шерозӣ, 16.
Тел: (+99237) 238-53-01; (918) 82-94-75
E-mail: istiqbol.tj@list.ru; Website: www.istiqbol.com

**Мушовирон:**
**Ирина Каримова,**
**Лутфия Имматова**
**Муҳаррир:**
**Латофат Кенҷаева**
**Мусаввир:**
**Ҷангибек Озодбеков**
**Ороишгар:**
**Комрон Раҳмонзод**
**Мусаҳҳеҳ:**
**Ганҷина Муллоҷонова**

Ба чопаш 25/07/2013 имзо шуд. Андозаи А4. Коғаз бристоли амрикоӣ.
Ҷузъи чопию ҳисобӣ 1,5. Теъдод 1394 нусха.

**Дар интишороти «Imak-ofset» ба чоп расид.**



Дар боғ себҳои гуногун пухта расидаанд. Себи тобистона, себи тирамоҳӣ, себи зимистона.

Ин себҳо хеле хушмаззаву хушбӯй буданд, аммо доимо бо якдигар баҳс мекарданд ва якдигарро озурдаю ғамгин мекарданд.




Себаки тобистона мегуфт:
– Ман аз ҳама ширин,
бомазза ва мулоим ҳастам.
Аз хама тезтар мепазам!

Себакӣ тирамоҳӣ мегуфт: – Ман қандину сероб ҳастам! Аз ман мураббои бомазза тайёр мекунанд.






Себаки зарди зимистона мегуфт: – Маро дар иди «Соли Нав» ва «Наврӯз» ба бачаҳо ҳадя мекунанд. Ҳарчанд турш бошам ҳам, бачаҳо маро бисёртар дӯст медоранд!



Дар ин маврид соҳиби боғ, ки баҳси себҳоро шунида буд, ба назди онҳо омаду гуфт: – Себакони ширину хушмаззаи ман!

Баъд ҳар як себакро хуб таъриф карду рафт.



Аз ҳамин вакт себакон фаҳмиданд, ки ҳар кадоми онҳо ширину хушмаззаю хушбӯй ҳастанд. Ҳар се себак хеле хушҳол гаштанд. Онҳо дигар бо ҳамдигар ҳаргиз баҳсу мунозира намекарданд.



E-mail: istiqbol.tj@list.ru
Website: www.istiqbol.com